# Номаҳо 2



COMIC BIBLE
SOCIETY

Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2022

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.


ФИЛИППИЁН
ҲАНГОМИ САФАРИ ДУЮМИ МИССИОНЕРИИ ХУД ПАВЛУС ДАР ФИЛИППӢ, ДАР ЯКЕ АЗ ШАҲРҲО, КИ КОЛОНИЯИ РУМ БУД, ҶАМОАТ ТАЪСИС ДОД
ДАР ОН ҶО Ӯ РӮҲИ БАДРО АЗ ДУХТАРАКИ ҒАЙБГӮЙ РОНД, ВА ИН БОИСИ ЛАТУ КӮБ ВА БА ЗИНДОН ПАРТОФТА ШУДАНИ Ӯ ГАРДИД.
ҲАНГОМЕ КИ Ӯ ДАР РУМ МАҲБУС БУД, БА Ӯ АЗ ҶАМОАТИ ФИЛИППӢ ТӮҲФАҲО ОВАРДА ДОДАНД.
ҲАМАИ ОН ЧИ БО МАН РӮЙ ДОД, БА ПАҲНШАВИИ ХУШХАБАР ДАР БОРАИ МАСЕҲ МУСОИДАТ НАМУД.
БА ШАРОФАТИ ЗИНДОНӢ ШУДАНИ МАН БИСЁР МАСЕҲИЁН БОЗ ДАЛЕРОНАТАР БА ДИГАРОН БАШОРАТ ДОДАН ГИРИФТАНД
БАЪЗЕҲО АЗ ҲАСАД БА МАН ДАР БОРАИ МАСЕҲ МАВЪИЗА МЕНАМОЯНД, АММО ДИГАРОН АЗ РӮИ ХАЙРХОҲӢ ӮРО МАВЪИЗА МЕКУНАНД.
НОВОБАСТА БА ОН КИ ИН ОДАМОНРО ЧӢ ЧИЗ ТАҲРИК МЕДИҲАД, МАСЕҲ МАВЪИЗА КАРДА МЕШАВАД, ВА МАН АЗ ИН ШОДАМ.
ҲАР ЧИ РӮЙ ДИҲАД ҲАМ, САЗОВОРИ НОМИ МАСЕҲ ЗИНДАГӢ КУНЕД, ТО КИ ҲАНГОМЕ НАЗДИ ШУМО МЕОЯМ Ё ДАР БОРАИ ШУМО МЕШУНАВАМ, МАН ДОНАМ, КИ ШУМО БА ЯК МАҚСАД – МАВЪИЗА НАМУДАНИ ХУШХАБАР САЪЙ МЕКУНЕД.


ШОДИИ МАРО БО ОН ПУРРА КУНЕД, КИ ДОРОИ ЯК ФИКР БОШЕД – ЯКДИГАРРО ДӮСТ ДОРЕД, ҲАМКОРӢ КУНЕД ВА ҲАМОН ЯК МАЙЛҲО, ФИКРҲО ВА МАҚСАДҲО ДОШТА БОШЕД.
ХУДПАРАСТ НАБОШЕД, АММО ДИГАРОНРО АЗ ХУД БОЛО ҲИСОБЕД.
МУНОСИБАТҲОИ ШУМО НИЗ БОЯД ЧУН МУНОСИБАТИ ИСОИ МАСЕҲ БОШАД, КИ Ӯ, АГАРЧИ ХУДО БУД, ТАЛАБ НАКАРД, КИ БО Ӯ ЧУН БО ХУДО МУНОСИБАТ КУНАНД, БАЛКИ ҚУВВАТ ВА ҶАЛОЛИ ХУДРО БАРКАНОР ГУЗОШТА, БА СУРАТИ ҒУЛОМ ДАРОМАД ВА БА ОДАМОН МОНАНД ГАРДИД.
Ӯ ХУДРО БОЗ БЕШТАР ФУРӮТАН СОХТ ВА ТО БА МАРГ, ТО БА МАРГ ДАР САЛИБ БА ХУДО ФАРМОНБАРДОР ГАРДИД.
ҲАР КОРРО БЕ ШИКОЯТ ВА ШУБҲА БА ҶО ОВАРЕД.
АЗ САГОНИ ХАТАРНОК – БАДКИРДОРОН ЭҲТИЁТ ШАВЕД, ЗЕРО ОНҲО МЕГӮЯНД, КИ БАРОИ НАҶОТ БОЯД ХАТНА КАРДА ШАВЕД.
АГАР КАСЕ ЯГОН ВАҚТ УМЕД ДОШТА БОШАД, КИ ХУДРО НАҶОТ ДОДА МЕТАВОНАД, МАН — БЕШТАР ЧУНИН БУДАМ.
DANNY BULANADI/17


МАН ЗОДАИ ҚАБИЛАИ БИНЁМИН, АЗ ҶИҲАТИ ТАЪЛИМОТ ФАРИСӢ БУДА, ШАРИАТИ ЯҲУДИЁНРО РИОЯ МЕНАМУДАМ ВА ҶАМОАТРО ТАЪҚИБ МЕКАРДАМ.
ЛЕКИН ОН ЧИРО, КИ АФЗАЛИЯТ МЕҲИСОБИДАМ, АКНУН БАРКАНОР ГУЗОШТАМ, ТО КИ ТАНҲО БА МАСЕҲ ТАКЯ КУНАМ ВА БА Ӯ УМЕД БАНДАМ.
ҲА, ҲАМА ЧИЗИ ДИГАР ДАР МУҚОИСА БО ИМКОНИЯТИ БЕБАҲОИ ШИНОХТАНИ ХУДОВАНДАМ ИСОИ МАСЕҲ ҲЕҶ АСТ.


ҲАМЕША ДАР ХУДОВАНД ШОД БОШЕД; БОЗ МЕГӮЯМ, ШОД БОШЕД!
БИГЗОР НАРМДИЛИИ ШУМО БА ҲАМА МАЪЛУМ ГАРДАД ВА ОНҲО ҶИДДУ ҶАҲДИ ШУМОРО ДАР ҲАР КОРЕ КИ МЕКУНЕД, БИНАНД.
ҲЕҶ ҒАМ НАХӮРЕД, БАЛКИ ДАР ҲАР ЧИЗ БО ДУО ВА ИЛТИМОС ХОҲИШҲОИ ХУДРО БА ХУДО ОШКОР НАМОЕД.
ДАР ПОЁНИ НОМА БА ШУМО БОЗ ЯК ЧИЗРО МЕГӮЯМ: ДАР БОРАИ ҲАР ОН ЧИ ПОК АСТ, НЕКӮ ВА ШОЁНИ СИТОИШ АСТ, ФИКР КУНЕД.
ДАР БОРАИ ҲАР ОН ЧИ ХУШОЯНД ВА ШОЁНИ СИТОИШИ ХУДОСТ, ФИКР КУНЕД
ВА МАН ХЕЛЕ МИННАТДОРАМ ВА ХУДОВАНДРО ШУКРГУЗОРӢ МЕНАМОЯМ, КИ АКНУН ШУМО БА МАН БОЗ ҲАМ ЁРИИ МОДДӢ МЕРАСОНЕД.
МАН ЁД ГИРИФТААМ, КИ ДАР ҲАР ҲОЛАТЕ КИ БОШАМ, ҚАНОАТ НАМОЯМ... ЧУНКИ ДАР МАСЕҲ МАН ҲАР КОРЕРО, КИ ХУДОВАНД ИҶРОИ ОНРО МЕТАЛАБАД, КАРДА МЕТАВОНАМ.
БА ҲАМАИ МУҚАДДАСОН ДАР МАСЕҲ ИСО САЛОМ ГӮЕД. ҲАМАИ МУҚАДДАСОНИ МАҲАЛЛӢ, ХУСУСАН ОНҲОЕ КИ АЗ ХОНАДОНИ ШОҲАНШОҲ ҲАСТАНД, БА ШУМО САЛОМ МЕГӮЯНД


КУЛАССИЁН
КУЛАССО ШАҲРЕ ДАР ФРИҶИЯ БУД (ҲОЗИРА ТУРКИЯ), ТАҚРИБАН 150 КИЛОМЕТР ҶАНУБТАР АЗ ЭФЕСУС.
ҶАМОАТРО ДАР ОН ҶО НА ПАВЛУС, БАЛКИ ЭПАФРОС НОМ ШАХС ТАЪСИС ДОДА БУД, КИ БА ШАРОФАТИ ХИЗМАТГУЗОРИИ ПАВЛУС ДАР ЭФЕСУС ИМОН ОВАРДА БУД.
ҶАМОАТИ МАҲАЛЛӢ ЗЕРИ ФИШОРИ ДУ БИДЪАТ БУД: ЯКУМ – ИСО БА ХУДО БАРОБАР НЕСТ, БАЛКИ ПОЁНТАР АСТ, ДУЮМ – ОДАМОН, БА ҒАЙР АЗ НАВИШТА, БОЯД ДОНИШИ ОСМОНӢ БА ДАСТ МЕОВАРДАНД.
ДУЮМӢ АЗ ПАРАСТИШИ ФАРИШТАҲО ВА ҶУСТУҶӮИ НАҶОТ БА ВОСИТАИ РИОЯИ ШАРИАТИ ЯҲУДИЁН ИБОРАТ БУД.
ПАВЛУС, КИ ДАР РУМ ЗИНДОНӢ БУД, БА АҲЛИ КУЛАССО НОМА НАВИШТА, ОИД БА ИН ДУ МАСЪАЛА СУХАН РОНДААСТ.
МАСЕҲ СУРАТИ ХУДОИ НОНАМОЁН АСТ. ПЕШ АЗ ОН КИ ХУДО ҲАМА ЧИЗРО ОФАРИД, МАСЕҲ ВУҶУД ДОШТ
МАСЕҲ ОФАРИДГОР АСТ, КИ ҲАМА ЧИЗРО ДАР ОСМОНҲО ВА БАР ЗАМИН – ҲАМА ЧИЗИ НАМОЁН ВА НОНАМОЁНРО ОФАРИДААСТ.
Ӯ ПЕШ АЗ ҲАМА ЧИЗ АСТ, ВА ҲАМА ЧИЗ БО ҚУДРАТИ Ӯ ВУҶУД ДОРАД.
Ӯ САРИ БАДАН, ЯЪНЕ САРИ ҶАМОАТ АСТ.


БАРОИ ШУМО ДУО ГУФТАНРО БАС НАМЕКУНАМ, ТО ҲАР ЯКИ ШУМО ДАР БОРАИ МАСЕҲ ПУРРАГИИ ДОНИШ ВА ФАҲМИШРО ДОШТА БОШЕД.
ДАР Ӯ ҲАМАИ ГАНҶҲОИ ҲИКМАТ ВА ДОНИШ НИҲОН МЕБОШАНД
МАН БАРОИ ОН ТАШВИШ МЕКАШАМ, КИ ҲЕҶ КАС ШУМОРО БО СУХАНОНИ ДИЛФИРЕБ ГУМРОҲ НАКУНАД.
КӮШИШ КУНЕД НАШЪУНАМО ДАР ХУДОВАНДРО ДАВОМ ДИҲЕД ВА ДАР РОСТИЕ КИ ТАЪЛИМ ГИРИФТАЕД, МУСТАҲКАМТАР ШАВЕД.
ИМКОН НАДИҲЕД, КИ КАСЕ ИМОН ВА ШОДИИ ШУМОРО БО ФАЛСАФАЕ КИ БАР РИВОЯТҲОИ ИНСОНӢ БУНЁД ШУДААСТ, НОУСТУВОР КУНАД.
ЗЕРО ДАР МАСЕҲ ТАМОМИ ПУРРАГИИ ИЛОҲИЯТ ҶИСМАН СОКИН АСТ, – Ӯ САРИ ҲАР САРВАРӢ ВА ҚУДРАТ АСТ.
ВА ШУМОРО, КИ ДАР ГУНОҲҲОИ ХУД МУРДА БУДЕД, Ӯ ШАРИКИ ҲАЁТИ МАСЕҲ КАРД, ЧУНКИ ҲАМАИ ГУНОҲҲОЯТОНРО БАХШИД.
АГАР ШУМО БО МАСЕҲ НИСБАТ БА ИДЕЯҲОИ ДУНЯВӢ ОИД БА НАҶОТ МУРДА БОШЕД, ЧАРО ҲАНӮЗ РИОЯИ ИН ҚОИДАҲОРО ДАВОМ ДОДА, ХӮРОКҲОИ МУАЙЯНРО НАМЕХӮРЕД ВА ҲАТТО ДАСТ НАМЕРАСОНЕД?


ПАС, ЧУН БО МАСЕҲ ЭҲЁ ШУДАЕД, НИГОҲИ ХУДРО БА ФАРОВОНИИ САРВАТ ВА ШОДӢ, КИ ДАР ОСМОНҲОСТ, РАВОНА КУНЕД, КИ ОН ҶО МАСЕҲ АЗ ДАСТИ РОСТИ ХУДО БАР ТАХТИ ШАВКАТ ВА ҶАЛОЛ НИШАСТААСТ.
МАЙЛУ ХОҲИШҲОИ ГУНОҲОЛУДРО БАРКАНОР ГУЗОРЕД ВА БО ФОСИҚӢ, НОПОКӢ, ҲАВОЮ ҲАВАСҲОИ НАНГИН ҲЕҶ УМУМИЯТ НАДОШТА БОШЕД.
ҒАЗАБ, ХАШМ, КИНА, БАДГӮӢ ВА СУХАНОНИ ҚАБЕҲРО ТАРК НАМОЕД.
БА ЯКДИГАР ДУРӮҒ НАГӮЕД, ЗЕРО ОДАМИ КӮҲНАРО БО АМАЛҲОИ ВАЙ АЗ ХУД БАДАР КАРДАЕД, БАЛКИ РОСТКОРИРО ОМӮХТА, КӮШИШ КУНЕД ТОРАФТ БЕШТАР БА МАСЕҲ МОНАНД ШАВЕД.
АЗБАСКИ БО МУҲАББАТИ БУЗУРГИ ХУДОВАНД ХАРИДА ШУДАЕД, ШУМО БОЯД БА ДИГАРОН ДИЛСӮЗӢ ВА МЕҲРУБОНӢ ЗОҲИР НАМОЕД.
ФУРӮТАН БОШЕД ВА ЯКДИГАРРО БАХШЕД; ҲЕҶ ГОҲ РАНҶИШУ НОРОЗИГИРО НИГОҲ НАДОРЕД.
ОН ЧИРО, КИ МАСЕҲ ТАЪЛИМ ДОДААСТ, ДАР ЁД НИГОҲ ДОРЕД, ВА БИГУЗОР СУХАНОНИ Ӯ ШУМОРО ХИРАНДМАНД ВА ҲАЁТАТОНРО ҒАНӢ ГАРДОНАД.
ВА ДАР ҲАР ОН ЧИ ДАР ГУФТОР Ё КИРДОР МЕКУНЕД, НАМОЯНДАГОНИ ҲАҚИҚИИ ХУДОВАНД ИСО БОШЕД.


ЭЙ ЗАНОН, БА ШАВҲАРОНИ ХУД ФАРМОНБАРДОР БОШЕД. ЭЙ ШАВҲАРОН, ЗАНОНИ ХУДРО ДӮСТ ДОРЕД ВА БА ОНҲО МЕҲРУБОН БОШЕД.
ЭЙ ФАРЗАНДОН, БА ПАДАРУ МОДАРОНИ ХУД ДАР ҲАМА ЧИЗ ИТОАТ НАМОЕД, ЗЕРО ИН ПИСАНДИДАИ ХУДОВАНД АСТ.
ЭЙ ҒУЛОМОН, БА ХОҶАҲОИ ЗАМИНИИ ХУД ИТОАТ НАМОЕД, МОНАНДИ ОН КИ БАРОИ ХУДОВАНД МЕҲНАТ МЕКАРДА БОШЕД.
ЭЙ ХОҶАГОН, БА ҒУЛОМОНИ ХУД ОДИЛОНА ВА БОИНСОФОНА РАФТОР КУНЕД, ВА ДОНЕД, КИ ШУМО НИЗ ХОҶАЕ ДАР ОСМОН ДОРЕД, КИ АМАЛҲОЯТОНРО МУШОҲИДА МЕКУНАД
ДОИМО БО ДУО МАШҒУЛ БОШЕД ВА ШУКРГУЗОРИРО ДАР ЁД НИГОҲ ДОРЕД
ҲАМАИ ИМКОНИЯТҲОИ ХУДРО ИСТИФОДА БАРЕД, ТО КИ БА ОДАМОН ХУШХАБАРРО РАСОНЕД – ДАР МУОШИРАТ БО ҲАМА НЕКАНДЕШ БОШЕД.
ЛУҚО ВА ДИМОС БА ШУМО САЛОМ МЕРАСОНАНД.
ҲАМЧУНИН САЛОМИ МАРО БА БАРОДАРОН ДАР ҶАМОАТИ ЛОУДИКИЯ РАСОНЕД, ВА БАЪД АЗ ОН КИ ИН НОМА ДАР МИЁНИ ШУМО ХОНДА ШУД, ОНРО БА ОНҲО НИЗ ДИҲЕД.
ЗАНҶИРҲОИ МАРО ДАР ХОТИР ДОШТА БОШЕД.


I, II ТАСОЛУНИКИЁН
ПАС АЗ ОН КИ ДАР ФИЛИППӢ БО ПАВЛУС МУОМИЛАИ БАД КАРДАНД, Ӯ БА ТАСОЛУНИКӢ, ПОЙТАХТИ МАҚДУНИЯ РАВОНА ШУДА, ДАР ОН ҶО ҶАМОАТ ТАЪСИС ДОД.
ДАР СОЛИ 51-УМИ МИЛОДӢ, ҲАНГОМИ ДАР ҚУРИНТУС БУДАНАШ, Ӯ БА ТАСОЛУНИКИЁН НОМА НАВИШТ.
БА ҲАР ҶОЕ КИ РАВЕМ, ОДАМОН ҲАНГОМИ СӮҲБАТ БА МО ДАР БОРАИ ИМОНИ БАРҶАСТАЕ КИ ШУМО БА ХУДО ДОРЕД, НАҚЛ МЕКУНАНД.
[1] АМАЛҲО 16
ПАС АЗ ОН КИ ДАР ФИЛИППӢ ГИРИФТОРИ ТАЪҚИБОТ ШУДЕМ, ХУДОВАНД БА МО ДАЛЕРӢ ДОД, ТО ҲАМОН ХАБАРРО БА ШУМО НИЗ ТАКРОР НАМОЕМ.
АЗБАСКИ ЧУН ҚОСИДОНИ БОВАРИНОКИ ХУДОВАНД СУХАН МЕРОНЕМ, МО КӮШИШ НАМЕКУНЕМ СУХАНОНИ ХУДРО ДИГАР КАРДА, БА ЗАВҚИ ОДАМОН ПИСАНД ОЕМ.
ШУМО ДАР ЁД ДОРЕД, КИ ҲАНГОМЕ ДАР БАЙНИ ШУМО ХУШХАБАРРО МАВЪИЗА МЕНАМУДЕМ, МО ШАБУ РӮЗ КОР КАРДЕМ, ТО КИ ЭҲТИЁҶОТИ МО БАРОИ КАСЕ АЗ ШУМО БОРИ ГАРОН НАШАВАД.
ПАС АЗ ОН КИ БА МУДДАТИ КӮТОҲЕ АЗ ШУМО ҶУДО БУДЕМ, ХОСТЕМ НАЗДИ ШУМО БИЁЕМ, АММО ШАЙТОН БА МО МОНЕЪ ШУД.
ЗЕРО КИСТ УМЕДИ МО, Ё ТОҶИ ФАХРИ МО? ШУМОЕД!


ҲАНГОМЕ ДИГАР САБР КАРДА НАТАВОНИСТАМ, ТИМОТИЮСРО ФИРИСТОДАМ, ТО ШУМОРО РӮҲБАЛАНД НАМОЯД – МАН ДАР ТАШВИШ БУДАМ, КИ МАБОДО ШАЙТОН ШУМОРО ОЗМУДА БОШАД ВА МЕҲНАТИ МО БЕНАТИҶА ШУДА БОШАД.
АММО ТИМОТИЮС БО ХАБАРЕ БАРГАШТ, КИ ИМОН ВА МУҲАББАТИ ШУМО ЧУН ҲАМЕША ҚАВӢ АСТ, ВА ШУМО ДОИМО МОРО БА НЕКӢ ЁД МЕКУНЕД – БАРОИ МО ИН ТАСАЛЛОИ БУЗУРГЕСТ.
ВА ХУДОВАНД МУҲАББАТИ ШУМОРО БА ЯКДИГАР ВА БА ҲАР КАС АФЗУН ВА ФАРОВОН ГАРДОНАД, — ЧУНОН КИ МО НИЗ БА ШУМО МУҲАББАТ ДОРЕМ
ХУДО МЕХОҲАД, КИ ШУМО АЗ ФОСИҚӢ ПОК БОШЕД, ТО ҲАР ЯКИ ШУМО ДАР МУҚАДДАСӢ ВА ШАРАФ ОИЛАДОР ШУДА ТАВОНАД – ВА ҲЕҶ ГОҲ ЗАНИ ДИГАРИРО ФИРЕФТА НАКУНЕД – ХУДОВАНД БАРОИ ЧУНИН КОР ҶАЗО МЕДИҲАД.
МЕХОҲАМ ДОНЕД, КИ ҲАНГОМЕ КИ МАСЕҲӢ МЕМИРАД, ЧӢ РӮЙ МЕДИҲАД, ТО КИ МОНАНДИ КАСОНЕ КИ УМЕД НАДОРАНД, АНДӮҲГИН НАШАВЕД.
ЧУНОН КИ ИСОИ МАСЕҲ МУРД ВА АЗ НАВ ЗИНДА ШУД, ҲАМИН ТАВР ХУДО ҲАМАИ МАСЕҲИЁНИ ФАВТИДАРО ҲАНГОМИ ОМАДАНИ ДУБОРАИ МАСЕҲ ЗИНДА МЕКУНАД


МО, ЗИНДАҲО, КИ ТО ОМАДАНИ ХУДОВАНД БОҚӢ МОНДАЕМ, АЗ ОНҲОЕ КИ БА ХОБИ МАРГ РАФТААНД, ДАР ПЕШВОЗ ГИРИФТАНИ Ӯ ПЕШДАСТӢ НАМЕКУНЕМ.
ЧУНКИ ХУДИ ХУДОВАНД БО ФАРМОНИ БАЛАНДОВОЗ, БО ОВОЗИ САРДОРИ ФАРИШТАГОН ВА САДОИ КАРНАЙИ ХУДО, АЗ ОСМОН ФУРУД МЕОЯД.
СИПАС МО, ЗИНДАҲО, КИ БОҚӢ МОНДАЕМ, ҲАМРОҲИ ЭҲЁШУДАГОН ДАР АБРҲО БУРДА МЕШАВЕМ, ТО ХУДОВАНДРО ДАР ҲАВО ПЕШВОЗ ГИРЕМ, ВА ҲАМИН ТАВР ҲАМЕША БО ХУДОВАНД МЕШАВЕМ.
ҲЕҶ КАС НАМЕДОНАД, КИ ИН КАЙ РӮЙ МЕДИҲАД – ОМАДАНИ ДУБОРАИ МАСЕҲ, ЧУН ДУЗДЕ КИ ШАБ МЕОЯД, ФАРО МЕРАСАД.
БИНОБАР ИН ТАЙЁР БОШЕД – ЧУН ДИГАРОН БА ХОБИ ҒАФЛАТ НАРАВЕД. ДАР ИНТИЗОРИ БОЗОМАДАНИ Ӯ БЕДОР ВА ҲУШЁР БОШЕД – ЯКДИГАРРО РӮҲБАЛАНД НАМОЕД ВА НАСИҲАТ ДИҲЕД, ЧУНОН КИ НИЗ МЕКУНЕД.
КАСОНЕРО, КИ ДАР МИЁНИ ШУМО МЕҲНАТ МЕКУНАНД ВА ШУМОРО АЗ ҲАР КОРИ БАД ОГОҲӢ МЕДИҲАНД, ҚАДРДОНӢ НАМОЕД.
ОНҲОРО БО КАМОЛИ МУҲАББАТ ИЗЗАТ НАМОЕД, ЧУНКИ ОНҲО ШУМОРО НАСИҲАТ МЕДИҲАНД.
ТАНБАЛОНРО НАСИҲАТ КУНЕД, БЕҶУРЪАТОНРО ДИЛДОРӢ НАМОЕД, НОТАВОНОНРО ДАСТГИРӢ КУНЕД, БО ҲАР КАС ПУРСАБР БОШЕД.
БИГУЗОР РӮҲУ ҶОНУ ТАНИ ШУМО ҲАНГОМИ ОМАДАНИ ХУДОВАНДИ МО ИСОИ МАСЕҲ ПУРРА БЕАЙБ НИГОҲ ДОШТА ШАВАД.
1 ТАСОЛУНИКИЁН 4:15-5:28






2 ТАСОЛУНИКИЁН 1:1 – 2:3


ЧУНКИ ИН ҲАМОН ВАҚТ ФАРО МЕРАСАД, КИ АЗ ИМОН ГАШТАН, ИСЁН БАР ЗИДДИ ХУДО РӮЙ МЕДИҲАД ВА ПИСАРИ ҲАЛОКАТ ОШКОР МЕШАВАД.
ВАЙ ХУДРО АЗ ҲАР ЧИЗЕ КИ ХУДО НОМ ДОРАД, БАЛАНД МЕГИРАД, ВА БА ИБОДАТХОНАИ ХУДО РАФТА, ХУДРО ХУДО ЭЪЛОН МЕКУНАД.
ИН ПИСАРИ ҲАЛОКАТ ҲАМОН ВАҚТ МЕОЯД, КИ ОНЕ КИ ҲОЛО МОНЕЪ МЕШАВАД, АЗ МИЁН БАРДОШТА ШАВАД.
ОН ГОҲ БАДКОР ОШКОР МЕГАРДАД, ҲАМОН КИ ХУДОВАНД ӮРО БО НАФАСИ ДАҲОНАШ МЕКУШАД ВА БО ЗУҲУРИ ОМАДАНИ ХУД НОБУД МЕКУНАД.
ИН ПИСАРИ ГУНОҲ БО ҚУВВАТИ ШАЙТОН МЕОЯД ВА ҲАМАРО БО АЛОМАТҲО ВА МУЪҶИЗАҲОИ ДУРӮҒИН БА ВАСВАСА ДУЧОР МЕКУНАД
Ӯ НОБУДШАВАНДАГОНРО, КИ РОСТИРО ҚАБУЛ НАКАРДАНД, ФИРЕБ МЕКУНАД.
БАРОДАРОНИ АЗИЗ, ИСТОДАГАРӢ КУНЕД ВА ҲАҚИҚАТҲОЕРО, КИ Ё АЗ СУХАН, Ё АЗ НОМАИ МО ОМӮХТАЕД, НИГОҲ ДОРЕД.
2 ТАСОЛУНИКИЁН 2:3-15


ДИГАР ИН КИ ДАР ҲАҚҚИ МО ДУО ГӮЕД, ТО КАЛОМИ ХУДОВАНД ЗУД ПАҲН ШУДА, ИМОНДОРОНРО ПАЙДО КУНАД, ЧУНОН КИ ҲАНГОМИ НАЗДИ ШУМО ОМАДАНАМОН БУД.
ДУО ГӮЕД, КИ МО АЗ ОДАМОНИ ГУМРОҲ ХАЛОС ШАВЕМ, ЗЕРО НА ҲАР КАС ИМОН ДОРАД
АММО ХУДОВАНД БОВАФО АСТ – Ӯ ШУМОРО УСТУВОР МЕГАРДОНАД ВА АЗ ҲАМАИ ҲУҶУМҲОИ ШАЙТОН ҲИМОЯТ КУНАД.
ИНАК БА НОМИ ХУДОВАНДИ МО ИСОИ МАСЕҲ ДАСТУР МЕДИҲЕМ, КИ АЗ ҲАР МАСЕҲИЕ КИ БЕКОРГАРДӢ МЕКУНАД ВА МЕҲНАТ НАМЕКУНАД, ДУР ШАВЕД.
БОЯД БА МО ТАҚЛИД НАМОЕД – МО ШАБУ РӮЗ БА МЕҲНАТ ВА КОР МАШҒУЛ ШУДЕМ ВА АЗ ШУМО НОНИ МУФТ НАГИРИФТАЕМ, ТО БА КАСЕ АЗ ШУМО ВАЗНИНӢ НАКУНЕМ.
БА КАСОНЕ КИ БЕКОРГАРДӢ КАРДА, БО ҒАЙБАТГӮӢ МАШҒУЛ МЕШАВАНД, НАСИҲАТ МЕКУНЕМ, КИ ФУРӮТАН БОШАНД, ВА КОР КАРДА, НОНИ ХУДРО ХӮРАНД
ВА МАН БА ҲАМА МЕГӮЯМ – АЗ НЕКӮКОРӢ МОНДА НАШАВЕД
ФАЙЗИ ХУДОВАНДИ МО ИСОИ МАСЕҲ БО ҲАМАИ ШУМО БОД


I, II ТИМОТИЮС
ТИМОТИЮС ҶАВОНЕ АЗ ВИЛОЯТИ ҒАЛОТИЯ БУД (ДАР ТУРКИЯИ ҲОЗИРА). РАСУЛ ПАВЛУС ҲАНГОМИ САФАРИ МИССИОНЕРИИ ЯКУМИ ХУД ӮРО НАЗДИ МАСЕҲ ОВАРДА БУД.
ДАР САФАРИ МИССИОНЕРИИ ДУЮМИ ХУД ПАВЛУС ТИМОТИЮСРО БО ХУД ГИРИФТ.
ТИМОТИЮС ҶАВОНИ ТАҚВОДОР БУД ВА ДАР ҶАМОАТИ ЭФЕСУС ШУБОН ШУД.
ҲАНГОМЕ КИ БА ОНҲО ЛУҚО ҲАМРОҲ ШУД, ПАВЛУС, ПАС АЗ ОЗОД ШУДАН АЗ ҲАБСИ ЯКУМ ДАР РУМ, БА ТИМОТИЮС НОМАИ ЯКУМРО НАВИШТ.
“БА ТИМОТИЮС, КИ ФАРЗАНДИ ҲАҚИҚИИ МАН ДАР ИМОН АСТ... ДАР ЭФЕСУС МОНДА, КӮШИШ КУН БА КАСОНЕ КИ ТАЪЛИМОТИ ДУРӮҒИНРО ПАҲН МЕКУНАНД, МУҚОБИЛАТ НАМОЙ”.
“ПАС ХУДОВАНДАМОН МАСЕҲ ИСОРО ШУКРГУЗОРӢ МЕКУНАМ, КИ Ӯ МАРО БАРОИ ХИЗМАТГУЗОРӢ ИНТИХОБ НАМУД, — АГАРЧИ ПЕШТАР ТАЪҚИБКУНАНДАИ МАСЕҲИЁН БУДАМ”.
ИН СУХАН ҲАҚИҚАТ АСТ, КИ МАСЕҲ ИСО БА ДУНЁ ОМАД, ТО ГУНОҲКОРОНРО НАҶОТ ДИҲАД, ВА МАН БАДТАРИНИ ОНҲО ҲАСТАМ
ЭЙ ФАРЗАНДАМ ТИМОТИЮС, ДАР НАБАРДИ НЕК БАРОИ ХУДОВАНД ҶАНГ КУН, ВА ВИҶДОНИ ХУДРО ҲАМЕША ДАР ПОКӢ НИГОҲ ДОР.
[1] ТИМОТИЮС ИН ДАСТУРРО РИОЯ МЕКАРД. ИЗДИҲОМ ДАР ЭФЕСУС ӮРО БАРОИ МАВЪИЗА БАР ЗИДДИ ОЛИҲА АРТАМИС ЛАТУ КӮБ КАРД


«БАРОИ ПОДШОҲОН ВА БАРОИ ҲАМАИ ҲУКУМАТДОРОН ДУО ГӮЕД, ТО КИ ОРОМ ВА ОСУДА УМР ГУЗАРОНЕМ».
«ЗЕРО ИН БА ХУДО, КИ НАҶОТДИҲАНДАИ МОСТ, ХУБ ВА ПИСАНДИДА АСТ, КИ Ӯ МЕХОҲАД ҲАМАИ ОДАМОН НАҶОТ ЁБАНД ВА БА ДОНИШИ РОСТӢ РАСАНД».
«ПАС ХОҲИШ ДОРАМ, КИ МАРДОН ДАСТҲОИ МУҚАДДАСРО БОЛО БАРДОШТА, БА ХУДО ДУО ГӮЯНД».
«ЗАНОНИ МАСЕҲӢ ШАРМГИН ВА ПОКДОМАН БОШАНД ВА ХУДРО НА БО МӮЙБОФӢ, НА БО ТИЛЛО, НА БО МАРВОРИД ВА НА БО ЛИБОСҲОИ ГАРОНБАҲО ОРО ДИҲАНД».
«ШУБОН БОЯД ОДАМИ ХУБ БОШАД, НАВИМОН НАБОШАД, ТАРЗИ ЗИНДАГИИ БЕАЙБ ДОШТА БОШАД».
«ШАВҲАРИ ЯК ЗАН БУДА, АҲЛИ ХОНАИ ХУДРО БА ХУБӢ ИДОРА КУНАД, ТО КИ ҶАМОАТРО БА ТАВРИ БОЯДУ ШОЯД ИДОРА КУНАД».
«ДИАКОНҲО НИЗ БОЯД ЧУН ШУБОНҲО ОДАМОНИ ХУБ ВА ОМОДАШУДА БОШАНД. ОНҲО НАБОЯД МОИЛИ ШАРОБНӮШИИ ЗИЁД Ё ТАМАЪҶӮЙ БОШАНД».
«ЗАНҲОИ ОНҲО БОЯД БОИНСОФ, ҲУШЁР БОШАНД, ҒАЙБАТГӮЙ НАБОШАНД, АММО БОЯД АЗ ҲАР ҶИҲАТ БОВАРИНОК БОШАНД».


«РӮҲУЛҚУДС КУШОДУ РАВШАН МЕГӮЯД, КИ ДАР ЗАМОНҲОИ ОХИР БАЪЗЕ КАСОН ДАР ҶАМОАТ АЗ ИМОН ГАШТА, БА ТАЪЛИМОТҲОИ БИДЪАТКОРОНА РӮ МЕОВАРАНД – НИКОҲРО МАНЪ МЕКУНАНД ВА АЗ ХӮРОКҲОЕ ПАРҲЕЗ МЕФАРМОЯНД – АММО ХУДО ҲАМАИ ИНРО БАРОИ ДИЛХУШИИ МО БА ВУҶУД ОВАРДААСТ».
«ВАҚТ ВА ҚУВВАИ ХУДРО БАРОИ МАШҚ ДАР ДАР ХУДОТАРСӢ САРФ КУН».
«МАШҚҲОИ ҶИСМОНӢ НИЗ ФОИДА ДОРАНД, ВАЛЕ ХУДОТАРСӢ БАРОИ ҲАМА ЧИЗ ФОИДАНОК АСТ».
«ПИРАМАРДРО ИЗЗАТ НАМО, МИСЛИ ОН КИ Ӯ ПАДАРИ ТУ БОШАД; ВА ҶАВОНОНРО ЧУН БАРОДАРОНИ МАҲБУБ МУНОСИБАТ НАМО».
«БО ПИРАЗАНОН ЧУН БО МОДАРОН; БО ҶАВОНЗАНОН ЧУН БО ХОҲАРОН МУНОСИБАТ НАМО».
«ҶАМОАТ БОЯД ДАР ҲАҚҚИ БЕВАЗАНОНЕ ҒАМХОРӢ КУНАНД, КИ МАДАДИ ХУДОРО МЕҶӮЯНД ВА ҒАЙБАТГӮӢ Ё МАНФИАТҶӮӢ НАМЕКУНАНД».
«АГАР КАСЕ ДАР ҲАҚҚИ ХЕШОВАНДОНАШ ҒАМХОРӢ НАКУНАД, НАБОЯД ХУДРО МАСЕҲӢ НОМАД».
«ШУБОНҲОЕ КИ ХУБ ХИЗМАТ МЕКУНАНД, БОЯД ИЗЗАТ КАРДА ШАВАНД ВА БО ХӮРОКВОРӢ ТАЪМИН КАРДА ШАВАНД – ХУСУСАН КАСОНЕ КИ ДАР КАЛОМ ВА ТАЪЛИМ МЕҲНАТ МЕКУНАНД».
«ШИКОЯТРО ДАР ҲАҚҚИ ШУБОН, БЕ ОН КИ ДУ Ё СЕ ШОҲИД БОШАД, ҚАБУЛ НАКУН».
1 ТИМОТИЮС 4-5


«МАСЕҲИЁНЕ КИ ҒУЛОМ ҲАСТАНД, БОЯД БА ХОҶАГОНИ ХУД СОФДИЛОНА ХИЗМАТ КУНАНД ВА ОНҲОРО ЭҲТИРОМ НАМОЯНД – ДАР ҲАҚҚИ МАСЕҲИЁН ҲЕҶ ГОҲ НАБОЯД ГУФТА ШАВАД, КИ ОНҲО ТАНБАЛ ҲАСТАНД».
«АГАР ХОҶААШОН МАСЕҲӢ БОШАД, ОНҲО БОЯД БО ҶИДДУ ҶАҲДИ БЕШТАР КОР КУНАНД, ЧУНКИ БАРОДАРОН БО САЪЮ КӮШИШҲОИ ХУД БА ЯКДИГАР НЕКӢ МЕКУНАНД».
«МО, КИ ХӮРДАНӢ ВА ПӮШИДАНӢ ДОРЕМ, БОЯД БА ДИГАРОН АЗ ДОРОИИ ХУД ДИҲЕМ».
«БАЪЗЕҲО ХОҲОНИ САРВАТ ШУДА, ГИРИФТОРИ ҲАВАСҲОИ БЕАҚЛОНА МЕШАВАНД, ЗЕРО КИ РЕШАИ ҲАМАИ БАДИҲО ПУЛПАРАСТИСТ».
«БА ҲУЗУРИ ХУДО… ВА БА ҲУЗУРИ МАСЕҲ ИСО, КИ ДАР ПЕШИ ПОНТИЮС ПИЛОТУС ЭЪТИРОФИ НЕК КАРДААСТ, МЕФАРМОЯМ, КИ ҲАР ОН ЧИ Ӯ БА ШУМО ФАРМУДААСТ, ТО ВАҚТИ ЗОҲИР ШУДАНИ ХУДОВАНДИ МО РИОЯ НАМОЕД».
«БА САРВАТДОРОН ФАРМО, КИ ҲАВОБАЛАНДӢ НАКУНАНД ВА БА ПУЛИ ХУД, КИ БА ЗУДӢ АЗ БАЙН РАФТА МЕТАВОНАД, УМЕД НАБАНДАНД».
«ОНҲО БОЯД БА ХУДОИ ЗИНДА УМЕД БАНДАНД, КИ ҲАМА ЧИЗРО БАРОИ ЛАЗЗАТИ МО БА ФАРОВОНӢ АТО МЕКУНАД».
«БА ОНҲО НАСИҲАТ НАМО, КИ ПУЛИ ХУДРО БА КОРҲОИ НЕК САРФ КУНАНД АЗ КОРҲОИ НЕК САРВАТМАНД ШАВАНД, САХОВАТМАНД ВА ДАСТКУШОД БОШАНД, ТО БАРОИ ХУД ДАР ОСМОНҲО ГАНҶИ ҲАҚИҚӢ ҒУН КУНАНД».


НОМАИ ДУЮМ БА ТИМОТИЮСРО ПАВЛУС ҲАНГОМИ ДАР РУМ БОРИ ДУЮМ ЗИНДОНӢ БУДАНАШ НАВИШТААСТ
ЭҲТИМОЛ, ПАВЛУСРО ИН ДАФЪА ҲАМОН ВАҚТ ДАСТГИР КАРДАНД, КИ ҚАЙСАР НЕРОН МАСЕҲИЁНРО ТАЪҚИБ МЕНАМУД
ПАВЛУС АЗ ОН ДАР ТАШВИШ БУД, КИ ТИМОТИЮС ҲАНГОМИ РОҲБАРӢ БАР ҶАМОАТИ ЭФЕСУС, ЗЕРИ ФИШОРИ ТАЪҚИБОТ, СУСТ МЕШУД.
Ӯ МЕХОСТ ХИЗМАТИ ХУДРО БА ТИМОТИЮС ВОГУЗОРАД ВА АЗ ВАЙ ХОҲИШ КАРД, КИ БОРИ ДИГАР БА БОЗДИДИ Ӯ ОЯД.
«ТИМОТИЮС, ПИСАРИ АЗИЗАМ, ПАЗМОНИ ДИДОРИ ТУ ҲАСТАМ, — ДАР ҲОЛАТЕ КИ АШКҲОИ ТУРО ДАР ЁД ДОРАМ».
«МАН МЕДОНАМ, КИ ТУ БА ХУДО УМЕД МЕБАНДӢ, ЧУНОН КИ МОДАРАТ АВНИКО ВА БИБИЯТ ЛӮИС УМЕД МЕБАСТАНД».
«БА ТУ ЁДРАС КАРДАН МЕХОҲАМ, КИ ОН ҚУВВАИ ХУДОРО, КИ БА ВОСИТАИ ГУЗОШТАНИ ДАСТҲОИ МАН ДАР ТУСТ, БАРАФРӮЗӢ».
«ЧУНКИ РӮҲУЛҚУДС НАМЕХОҲАД, КИ ТУ ТАРСӢ – БАЛКИ ХИРАДМАНД ВА ҚАВӢ БОШӢ».
«Ӯ ПЕШ АЗ ОФАРИНИШ ҶАҲОН МОРО БАРОИ ИН КОРИ МУҚАДДАС ДАЪВАТ НАМУДААСТ. АЗ ҲАМИН САБАБ, МАН ДАР ЗИНДОН БОШАМ ҲАМ, АЗ ИН ШАРМ НАМЕКУНАМ».
«НАМУНАИ ТАЪЛИМОТИ СОЛИМРО, КИ АЗ МАН ШУНИДАӢ, БО ИМОН ВА МУҲАББАТЕ КИ ДАР МАСЕҲ ИСО АСТ, ПАЙРАВӢ НАМО».



БО СУХАНҲОИ АБЛАҲОНААТ АЗ ИН ҶО ДАФЪ ШАВ, ТИМОТИЮС! ЭФЕСУС ШАҲРИ ОЛИҲА АРТАМИС АСТ!
«ЗӮРМАНД БОШ. ВА ОН ЧИРО, КИ АЗ МАН ШУНИДАӢ, БА ОДАМОНИ БОВАРИНОКЕ СУПОР, КИ ДИГАРОНРО НИЗ ТАЪЛИМ ДОДА ТАВОНАНД – ВА ЧУН САРБОЗИ НЕКИ ИСОИ МАСЕҲ БА АЗОБҲО ТОБ ОВАР».
«ИСОИ МАСЕҲ АЗ НАСЛИ ДОВУД БУД, ВА АЗ МУРДАГОН БАРХЕСТА, ХУДРО ЧУН ХУДО ЗОҲИР НАМУД».
«АЗ БОИСИ МАВЪИЗА ДАР ИН БОРА МАН ЧУН ҶИНОЯТКОР БА ЗИНДОН ПАРТОФТА ШУДАМ, АММО КАЛОМИ ХУДОРО ЗАНҶИРБАНД КАРДАН ҒАЙРИИМКОН АСТ».
«КОРКУНИ ХУБ БОШ, КИ АЗ КОР ХИҶИЛ НАМЕШАВАД, ҲАНГОМЕ ХУДОВАНД МЕҲНАТИ ТУРО САНҶИДА, МЕГӮЯД: "ХУБ, ҒУЛОМИ НЕК ВА ВАФОДОР"».
«АЗ ҲАМАИ ҲАВАСҲОИ НОПОК КАНОРАҶӮӢ КУН – ВА ДАР АМАЛӢ КАРДАНИ РОСТӢ УСТУВОР БОШ».
«БО КАСОНЕ КИ ДАР ПОКИИ ДИЛ ХУДОРО ДӮСТ МЕДОРАНД, РОСТӢ, ИМОН ВА МУҲАББАТРО ҶОНИБДОРӢ НАМО».
«ОДАМОНИ ХУДО НАБОЯД ҶАНҶОЛ КУНАНД; ОНҲО БОЯД БАРОИ КАСОНЕ КИ БА ГУНОҲ АФТОДААНД, МУАЛЛИМОНИ БОТАҲАММУЛ ВА ПУРСАБР БОШАНД».
«ҲАНГОМЕ КАСОНЕРО НАСИҲАТ МЕКУНЕД, КИ РОСТИРО БА ТАВРИ ТИРА МЕФАҲМАНД, НАРМДИЛ БОШЕД».


«ДАР РӮЗҲОИ ОХИРИН МАСЕҲӢ БУДАН БЕҲАД ДУШВОР ХОҲАД ШУД».
«ОДАМОН ТАНҲО ХУДРО ВА ПУЛРО ДӮСТ ДОШТА, МАҒРУР ВА ЛОФЗАН МЕШАВАНД, ХУДОРО МАСХАРА МЕКУНАНД, БЕИТОАТ БА ВОЛИДОН, КӮРНАМАК ВА ТАМОМАН ОСӢ МЕШАВАНД».
«ОНҲО БА ДӮСТОНАШОН ХИЁНАТ МЕКУНАНД; ОНҲО БАДХАШМ, ХУДПИСАНД ШУДА, ДИЛХУШИРО БЕШТАР АЗ ПАРАСТИШИ ХУДО ДӮСТ МЕДОРАНД».
«ОНҲО АҚЛИ ФОСИД ДОШТА, АЗ ИМОН РӮ МЕГАРДОНАНД».
«АММО ТУ МАРО МЕДОНӢ, КИ БА ЧӢ ИМОН ДОРАМ ВА ЧӢ ГУНА ЗИНДАГӢ МЕКУНАМ».
«ТУ ИМОНИ МАРО БА МАСЕҲ ВА АЗОБҲОИ МАРО МЕДОНӢ. ТУ МЕДОНӢ, КИ ДӮСТАТ МЕДОРАМ ВА БОСАБРУ ТАҲАММУЛ ҲАСТАМ».
«ТУ БОЯД ДАР ОН ЧИ ОМӮХТАӢ ВА АЗ ОН ДИЛПУР ҲАСТӢ, ПОЙДОР БОШӢ».
«АЗ КӮДАКӢ КИТОБИ МУҚАДДАСРО МЕДОНӢ, КИ МЕТАВОНАД БАРОИ НАҶОТ БА ВОСИТАИ ИМОНЕ КИ ДАР МАСЕҲ ИСО АСТ, ТУРО ҲИКМАТ ОМӮЗАД».
«КИТОБИ МУҚАДДАС НАВИШТАИ ДОРОИ ИЛҲОМИ ХУДОСТ, ВА БАРОИ ОМӮЗИШ, БАРОИ САРЗАНИШ, БАРОИ ФАҲМИДАНИ ОН ЧИ ДАР ЗИНДАГӢ БОЯД ИСЛОҲ КУНЕМ, ФОИДАНОК АСТ».
«ИН УСУЛИ ИЛОҲИСТ БАРОИ ОН, КИ ДАР ҲАМА ЧИЗ КОМИЛ ГАРДЕМ – БА ҲАР КОРИ НЕК ПУРРА МУҲАЙЁ ШАВЕМ».



АРТАМИС ХУДО НЕСТ… АММО ИСОИ МАСЕҲ ХУДОСТ, КИ БА ЗАМИН БО СИМОИ ОДАМӢ ОМАД.
«ПАС, ТУРО ДАР ҲУЗУРИ ХУДО ВА ИСОИ МАСЕҲ, КИ ЗИНДАГОН ВА МУРДАГОНРО ДОВАРӢ МЕКУНАД, ҚАСАМ МЕДИҲАМ, КИ КАЛОМРО МАВЪИЗА КУНӢ ВА ДАР ВАҚТИ МУНОСИБ Ё НОМУНОСИБ ОМОДА БОШӢ КАЛОМРО МАВЪИЗА КУНӢ».
«ЗЕРО ЗАМОНЕ ФАРО МЕРАСАД, КИ ОДАМОН ТАЪЛИМОТИ СОЛИМРО ГӮШ НАМЕКУНАНД, БАЛКИ БАРОИ ХУД МУАЛЛИМОНЕ ГИРД МЕОВАРАНД, ТО БАРОЯШОН ҲАМОН ЧИРО, КИ ШУНИДАН МЕХОҲАНД, БИГӮЯНД».
«УСТУВОР БИМОН ВА АЗ АЗОБҲО БАРОИ ХУДО НАТАРС».
«АКНУН НАМЕТАВОНАМ ДАР НАЗДИ ТУ БУДА, ЁРӢ РАСОНАМ – ВАҚТИ МАН ҚАРИБ БА ОХИР РАСИДААСТ».
«МАН ДУРУСТ МУБОРИЗА БУРДАМ ВА ҲАҚИҚАТРО ДАР МАСЕҲ НИГОҲ ДОШТАМ».
«ДАР ОСМОНҲО БАРОИ МАН ТОҶИ РОСТКОРӢ ОМОДА ГАРДИДААСТ, КИ ОНРО ХУДОВАНД, ДОВАРИ ОДИЛ, ДАР РӮЗИ БОЗОМАДАНАШ БА МАН МЕДИҲАД».
«ВА НА ТАНҲО БА МАН, БАЛКИ НИЗ БА ҲАМАИ ОНҲОЕ КИ БОЗОМАДАНИ ӮРО БЕСАБРОНА ИНТИЗОРАНД».
«ҒАЙР АЗ ЛУҚО, ҲАМАИ ДИГАРОН МАРО ТАРК КАРДАНД. ҲАРЧИ ЗУДТАР НАЗДИ МАН БИЁ».
«ИСКАНДАРИ МИСГАР БА МАН БИСЁР БАДӢ КАРД – ХУДОВАНД САЗОИ КОРҲОЯШРО ДИҲАД – ТУ НИЗ АЗ Ӯ ЭҲТИЁТ ШАВ».
«ФАЙЗ БО ШУМО БОД».




2 ТИМОТИЮС 4


ТИТУС
НОМА БА ТИТУС
МУАЛЛИФ: РАСУЛ ПАВЛУС
САНА: СОЛИ 62-64 МИЛОДӢ, БАЙНИ ДУ ҲАБСИ ПАВЛУС ДАР РУМ.
ТИТУС ҒАЙРИЯҲУДӢ БУД, КИ ПАВЛУС ӮРО ҲАНГОМИ САФАРИ МИССИОНЕРИИ ЯКУМИ ХУД НАЗДИ МАСЕҲ ОВАРДААСТ.
ТИТУС ПАВЛУСРО ДАР ҶАМЪОМАДЕ КИ ДАР ДАР УРШАЛИМ ДАР СОЛИ 51 МИЛОДӢ ДАР МАВЗӮИ ИҶРОИ ШАРИАТИ МУСО БАРГУЗОР ШУДА БУД, ҲАМРОҲӢ МЕКАРД.
ТИТУС ХУДРО ҲАМЧУН МАСЕҲИИ ДАР ХИЗМАТ ВА ИДОРАКУНӢ АРЗИШНОК НИШОН ДОД.
РАСУЛ ПАВЛУС ТИТУСРО АЗ ЭФЕСУС ҚУРИНТУС ФИРИСТОД, ТО БАРОИ БАРТАРАФ НАМУДАНИ БАҲСҲО ВА ИХТИЛОФОТ ДАР ҶАМОАТ ЁРӢ РАСОНАД.
АЗ ҚУРИНТУС ПАВЛУС ТИТУСРО БАРОИ РОҲБАРӢ КАРДАНИ МАЪРАКАИ ҶАМЪОВАРИИ ХАЙРОТ БАРОИ МАСЕҲИЁНИ ЭҲТИЁҶМАНДИ УРШАЛИМ ФИРИСТОД.


ДАР НОМА БА ТИТУС ДИҚҚАТИ АСОСӢ БА ҲИМОЯИ ТАЪЛИМОТ РАВОНА КАРДА НАШУДААСТ – ПАВЛУС БОВАРӢ ДОШТ, КИ ТИТУС НАВИШТАРО ХУБ МЕФАҲМАД ВА МАЪНИДОД МЕКУНАД.


МАҚСАДИ АСОСИИ ИН НОМА – БА ҶАМОАТ ЁД ДОДАНИ БАШОРАТДИҲӢ БА БАРОДАРОНИ ГУМРОҲШУДАИ ОНҲО БУД.


ДАР ИБТИДО, БАРОИ ОН КИ ОДАМОН БА ШУНИДАНИ ХУШХАБАР ТАЙЁР БОШАНД, ДАР БАЙНИ ОНҲО РОСТКОРОНА, ДӮСТДОРОНА ВА ХАЙРХОҲОНА ЗИСТАН ДАРКОР БУД – БАР ХИЛОФИ МУАЛЛИМОНИ ДУРӮҒИН.


ПАС АЗ ҲАБСИ ЯКУМ ДАР РУМ, ПАВЛУС БА ҶАЗИРАИ КРИТ ОМАД, ТО КИ БАШОРАТ ДИҲАД.
ДАР ИН ҶАЗИРА Ӯ ШОГИРДИ ХУД ТИТУСРО УСҚУФ ТАЪЙИН КАРДА, БАРОИ БА АНҶОМ РАСОНИДАНИ КОРҲОИ НОТАМОМ ГУЗОШТ.


БАРОИ ОН ТУРО ДАР КРИТ МОНДААМ, КИ ҲАМА ЧИЗРО БА ТАРТИБ ОВАРӢ ВА ДАР ҲАР ШАҲР ПИРОНРО ТАЪЙИН НАМОӢ.
ПИР БОЯД БЕАЙБ ВА ШАВҲАРИ ЯК ЗАН БУДА, ФАРЗАНДОНАШ ДАР БАДАХЛОҚӢ Ё САРКАШӢ САРЗАНИШ НАШАВАНД.
Ӯ НАБОЯД ЗУДХАШМ, МАЙПАРАСТ, ҶАНГАРА ВА ТАМАЪКОР БОШАД.
Ӯ БОЯД РОСТКОР БУДА, ДАР КАЛОМИ БОВАРИБАХШ, КИ МУВОФИҚИ ТАЪЛИМОТ АСТ, ПОЙДОР БОШАД, ТО БО ТАЪЛИМОТИ СОЛИМ НАСИҲАТ ДОДАН ВА МУХОЛИФОНРО САРЗАНИШ КАРДАН ТАВОНАД.
ЗЕРО БЕҲУДАГӮЁН ВА ФИРЕБГАРОН БИСЁР МЕБОШАНД, ХУСУСАН ОНҲОЕ КИ АЗ АҲЛИ ХАТНА ҲАСТАНД.
ДАҲОНАШОНРО БОЯД БАСТ, ЧУНКИ ОНҲО АЗ САБАБИ ФОИДАИ НАНГИН ЧИЗҲОИ НОШОИСТАРО ТАЪЛИМ ДОДА, ХОНАВОДАҲОРО БА ПУРРАГӢ ХАРОБ МЕКУНАНД.
ЯКЕ АЗ ОНҲО, КИ ПАЙҒАМБАРИ ХУДИ ОНҲОСТ, ГУФТААСТ:
“КРИТИЁН ҲАМЕША ДУРӮҒГӮ ҲАСТАНД, ВА ДАРАНДАГОНИ БАДКИН, ВА ШИКАМПАРАСТОНИ ТАНБАЛ”
ОНҲОРО САХТ САРЗАНИШ НАМО – ОНҲО МЕГӮЯНД, КИ ХУДОРО МЕШИНОСАНД, ЛЕКИН БО КОРҲОЯШОН ӮРО ИНКОР МЕНАМОЯНД


БА ПИРАМАРДОН ГӮЙ, КИ ҲУШЁР, СОҲИБЭҲТИРОМ ВА БОАНДЕША БОШАНД
БА ПИРАЗАНОН ГӮЙ, КИ НА ҒАЙБАТКУНАНДА, НА БАНДАГОНИ ШАРОБНӮШИИ ЗИЁД БОШАНД...
ҶАВОНОНРО НАСИҲАТ НАМО, КИ ПОКДОМАН БОШАНД
ДАР ТАЪЛИМ ДОДАН САДОҚАТ, ҶИДДИЯТ, САМИМИЯТ ВА ГУФТОРИ СОЛИМ ВА БЕАЙБРО КОР ФАРМО, ТО ДУШМАН ҲЕҶ ЧИЗИ БАДЕ ДАР ҲАҚҚИ МО ГУФТА НАТАВОНАД ВА ШАРМАНДА ШАВАД.
ЗЕРО ФАЙЗИ ХУДО, КИ БАРОИ ҲАМАИ ОДАМОН НАҶОТБАХШ АСТ, ЗОҲИР ШУДААСТ ВА МОРО ТАЪЛИМ МЕДИҲАД, КИ ДАР ДАВРАИ ҲОЗИРА АНДЕШАМАНДОНА, РОСТКОРОНА ВА ХУДОТАРСОНА ЗИНДАГӢ КУНЕМ.
МЕҲРУБОН БУДА, БА ҲАМАИ ОДАМОН БО КАМОЛИ НАРМДИЛӢ РАФТОР НАМОЕМ, ЗЕРО МО НИЗ ЯК ВАҚТЕ БЕФАҲМ, БЕИТОАТ, ГУМРОҲ ВА БАНДАГОНИ ҲАВАСҲО ВА ҲАЛОВАТҲОИ ГУНОГУН БУДЕМ
АЗ БАҲСҲОИ АБЛАҲОНА ВА МУНОЗИРАҲО РӮ ГАРДОН
БИДЪАТКОРРО ЯК-ДУ БОР НАСИҲАТ ДИҲЕД. АММО АГАР ДИГАРГУН НАШАВАД, АЗ Ӯ КАНОРАҶӮӢ КУНЕД


ФИЛЕМӮН
ТАҚРИБАН СОЛИ 63 МИЛОДӢ
НОМА БА ФИЛЕМӮН – ЯКЕ АЗ ЧОР НОМАҲО, КИ РАСУЛ ПАВЛУС ДАР ЗИНДОН НАВИШТААСТ.
САБАБИ НАВИШТАНИ НОМА ОНИСИМУС НОМ ҒУЛОМ БУД, КИ АЗ СОҲИБАШ – АЗ ФИЛЕМӮН НОМ МАСЕҲИИ САРВАТМАНДИ СОКИНИ КУЛАССО ПУЛ ДУЗДИДА, ГУРЕХТА БУД.
ЧУН БИСЁР ДИГАР ҒУЛОМОНИ ГУРЕЗА, ОНИСИМУС БА РУМ ГУРЕХТ.
ДАР РУМ Ӯ БО ПАВЛУС ШИНОС ШУД, ВА Ӯ ДАР ЗИНДОН БУДА, БА ИН ҒУЛОМ ЁРӢ ДОД, КИ БА МАСЕҲ ИМОН ОВАРАД.
АГАРЧИ ПАВЛУС МАҲБУС БУД, ОНИСИМУС БА Ӯ ДАР ТӮЛИ МУДДАТИ МАҲБУСИЯШ ЁРӢ МЕРАСОНД.
ПАВЛУС БА ҶАМОАТ ДАР КУЛАССО БА ВОСИТАИ ТИХИҚУС НОМА ФИРИСТОД – ҲАМЧУНИН БА ФИЛЕМӮН НОМА ФИРИСТОД.



ТИХИҚУС, ИЛТИМОС, ПЕРГАМЕНТ ВА ҚАЛАМРО БА МАН ДЕҲ
ПАВЛУС ИН ИМКОНИЯТРО БАРОИ ОН ИСТИФОДА БУРД, КИ БАХШИДАШАВИРО БА ҶАМОАТ ЁД ДИҲАД ВА МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИ ДУ ШАХСРО БАРҚАРОР НАМОЯД.
ПАВЛУС, МАҲБУС БАРОИ БАШОРАТ ДАР БОРАИ ИСОИ МАСЕҲ, ВА БАРОДАР ТИМОТИЮС...
БА ФИЛЕМӮН, ВА БА ҶАМОАТЕ КИ ДАР ХОНАИ ТУСТ: ФАЙЗ ВА ОСОИШ АЗ ҶОНИБИ ХУДО ПАДАРИ МО ВА ХУДОВАНД ИСОИ МАСЕҲ БАР ШУМО БОД.
МАН ҲАМЕША ХУДОИ ХУДРО ШУКР МЕГӮЯМ, ЧУНКИ ДАР БОРАИ МУҲАББАТИ ТУ БА ХУДОВАНД ИСО БА ХАЛҚИ Ӯ МЕШУНАВАМ.
МАН ДУО МЕГӮЯМ, КИ ИМОНАТ БА АМАЛҲОИ НЕК МУСОИДАТ КУНАД, КИ АЗ ИСОИ МАСЕҲ БАРМЕОЯНД.
МАН ВА БИСЁР ДИГАРОН АЗ МУҲАББАТ ВА НЕКӮКОРИИ ТУ ХУРСАНД ШУДАЕМ ВА ТАСАЛЛИИ БУЗУРГЕ ПАЙДО КАРДАЕМ.
МАН ПАВЛУСИ ПИРОНСОЛ, КИ БА ХОТИРИ ИСОИ МАСЕҲ БАНДӢ НИЗ ҲАСТАМ. АЗ ТУ ХОҲИШ МЕНАМОЯМ
МЕТАВОНИСТАМ ИНРО АЗ ТУ БА НОМИ МАСЕҲ ТАЛАБ КУНАМ, ЗЕРО ИТОАТ КАРДАНИ ТУ ДУРИСТТАР АСТ, АММО АЗ РӮИ МУҲАББАТ ХОҲИШ КАРДАНРО АФЗАЛ МЕДОНАМ


АЗ ТУ ДАР ХУСУСИ ФАРЗАНДИ ХУД ОНИСИМУС ХОҲИШ МЕНАМОЯМ, КИ ӮРО ҲАНГОМИ ДАР ЗАНҶИРҲО БУДАНАМ БАРОИ ХУДОВАНД БА ДАСТ ОВАРДААМ.
ЯК ВАҚТЕ Ӯ БАРОИ ТУ ФОИДАНОК НАБУД, ВАЛЕ АКНУН ҲАМ БАРОИ ТУ ФОИДАНОК АСТ, ҲАМ БАРОИ МАН.
ӮРО НАЗДИ ТУ БАРМЕГАРДОНАМ, ВА ТУ ӮРО, КИ ДИЛИ МАН АСТ, ҚАБУЛ КУН.
МЕХОСТАМ ӮРО НАЗДИ ХУД НИГОҲ ДОРАМ, ТО БА ҶОИ ТУ БА МАН ХИЗМАТ КУНАД. ЛЕКИН БЕ РОЗИГИИ ТУ НАХОСТАМ КОРЕ КУНАМ.
ШОЯД, МЕАРЗАД, КИ БА ИН АЗ ТАРАФИ ДИГАР НИГОҲ КУНӢ – Ӯ БАРОИ ОН МУВАҚҚАТАН АЗ ТУ ҶУДО ШУД, КИ ТУ ӮРО БАРОИ ҲАМЕША ҚАБУЛ КУНӢ, ВА АКНУН НА ҲАМЧУН ҒУЛОМЕ, БАЛКИ АЗ ҒУЛОМ БОЛОТАР, ЧУН БАРОДАР.
АКНУН Ӯ БАРОЯТ ХЕЛЕ АЗИЗТАР ХОҲАД БУД, ЧУНКИ Ӯ НА ТАНҲО ХИЗМАТГОР, БАЛКИ БАРОДАРИ ТУ ДАР МАСЕҲ АСТ.


АГАР ТУ ҲАҚИҚАТАН ДӮСТИ МАН БОШӢ, ӮРО ҲАМОН ТАВР ҚАБУЛ ҚАБУЛ КУН, КИ МАРО ҚАБУЛ МЕКУНӢ
АММО АГАР Ӯ АЗ ТУ ЧИЗЕРО ДУЗДИДА БОШАД, Ё ЗАРАРЕ БА ТУ РАСОНДА БОШАД, ОНРО БА МАН ҲИСОБ КУН. МАН ХУДАМ БАРМЕГАРДОНАМ
МАН, ПАВЛУС, ШАХСАН ИНРО КАФОЛАТ МЕДИҲАМ, АММО ЁДРАС НАМЕКУНАМ, КИ ТУ АЗ МАН ЧӢ ҚАДАР ҚАРЗДОР ҲАСТӢ!
ДАР АСЛ, ТУ ТУ ҶОНИ ХУДРО НИЗ АЗ МАН ҚАРЗДОР ҲАСТӢ!
БАРОДАРИ АЗИЗ, МАРО БО ИН АМАЛИ ДӮСТДОРОНА ОСУДА НАМО ВА ДИЛИ ХАСТАШУДАИ МАН ХУДОВАНДРО СИТОИШ ХОҲАД КАРД
АЗБАСКИ АЗ ИТОАТИ ТУ ДИЛПУР ҲАСТАМ, БА ТУ МЕНАВИСАМ, ЗЕРО МЕДОНАМ, КИ АЗ ГУФТАИ МАН ЗИЁДТАР ҲАМ МЕКУНӢ!
РАСУЛИ ХУДОВАНДАМОН УМЕДВОР АСТ, КИ БА ЗУДӢ АЗ ҲАБС ОЗОД МЕШАВАД ВА АЗ МО ХОҲИШ МЕКУНАД, КИ БАРОИ Ӯ ҲУҶРАЕРО ТАЙЁР КУНЕМ.
ВА... ОНИСИМУСРО ЧУН БАРОДАР АЗ НАВ ҚАБУЛ КУНЕМ.
ФАЙЗИ ХУДОВАНДИ МО ИСОИ МАСЕҲ БО РӮҲИ ШУМО БОД
ПАВЛУС

"THE BIBLE EXPLAINED
IN EVERY LANGUAGE."





**SUPERBIBLE.TV**